Ба Шурои диссертатсионии 6.D КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тақризи роҳбари илмӣ
ба диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст**. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи мавзуи диссертатсия газаронида шудааст. Муҳтавои он ба номи мавзуъ мутобиқат дорад. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

**Мубрамии мавзӯи диссертатсия.** Мубрамии мавзуи диссертатсия бо нақши калидии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, муайян намудани асосҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, танзими доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ собит мегардад. Илова бар ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ ақидаҳои мубоҳисавӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия, аз ҷумла таносуби ҳокимияти президентӣ бо шохаҳои ҳокимият, мавқеи Президент дар механизми давлат, таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент, таносуби ин санадҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд доранд. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба таҳлили ин нуқтаҳои назари илмии мубоҳисавӣ мусоидат менамояд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо он фарқ доранд, ки дар доираи салоҳияти васеи сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия баровarда шуда, муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат бо истифодаи чораҳои таъсиррасонии ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрӣ танзим менамоянд. Онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, экологӣ, демографӣ ва дигар нақши калидӣ доранд. Илова бар ин, дар доираи салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон супоришҳои давлатӣ ба доираи васеи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода мешаванд. Супоришҳои сарвари давлат падидаи нав дар ҳаёти ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд. Аз ин хотир, таҳқиқи нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди мамлакат, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳолатҳои дар боло зикршуда мубрамии мавзуи диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи диссертатсия.** Доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия асарҳои зиёди илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нашр шудаанд. Аммо дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарварони давлатҳои онҳо дода мешавад. Дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ бошад, асосан ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат, қисман фаъолияти сарвари давлат бо дарназардошти предмети таҳлили илмҳои соҳавӣ таҳқиқ мешавад. Аз ин хотир, бо мақсади бартараф намудани камбудӣ дар соҳаи таҳқиқи умуминазариявии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи усулҳои махсуси назариявӣ мавзуи диссертатсия интихоб шудааст.

**Мақсаду вазифаҳои диссертатсия ва навгонии онҳо.** Мақсади таҳқиқи диссертатсиониро таҳлили назариявӣ-методологии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо ва нақшашон дар танзими ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур дар диссертатсия доираи дахлдори вазифаҳо ҳалли худро ёфтанд. Ҳам мақсад ва ҳам вазифаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ навгонии илмӣ доранд, чунки бо падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқии ҷумҳурӣ алоқаманданд.

**Асоси назариявии таҳқиқи диссертатсиониро** асарҳои олимони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, таклифҳои илмии амалӣ ташкил медиҳанд. Мансаби Президент падидаи нисбатан нав дар ҳаёти ҳуқуқии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя мебошад. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат низ дар ҳолати ташаккул ва такмили мунтазам қарор дорад. Аз ин хотир, дар ҷараёни таҳқиқ асосан асарҳои илмие, ки даҳсолаҳои охир нашр шудаанд, истифода шудаанд. Ин навгонии илмии диссертатсияро таъмин намуд.

**Навгонии методологии таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мафҳум ва хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи методологияи нави дарки илмиро талаб мекунад, чунки ҳокимияти Президент, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии Президент, тартиби таҳия ва нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент, хусусиятҳои эътибори ҳуқуқии ин санадҳо падидаҳои нав дар ҳаёти ҳуқуқӣ мебошанд. Илова бар ин, як қатор масъалаҳои нави назариявӣ ҷой доранд, ки дарки нави методологиро тақозо дорад. Ин масъалаҳо бо таносуби санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва Ҳукумат, салоҳияти истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманданд. Аз ин хотир, асоси методологии диссертатсияро усулҳои нави илмӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии заминаи эмпирикии диссертатсия**. Дар диссертатсия таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии ташаккулёбанда ва мунтазам такмилёбандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои қонунгузорӣ, ки бо мавзуъ робита доранд, аз он ҷумла таҷрибаи қонунгузории давлатҳои ҳамсоя, таҷрибаи президентӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, таҷрибаи таҳия ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** бо он муайян карда мешавад, ки дар он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ҷанбаҳои назариявӣ-методологии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи дониши методологии умуминазариявӣ ва методологияи таҳлили назариявӣ таҳқиқ мешаванд. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷанбаҳои назариявӣ-методологии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мафҳумҳо ва категорияҳои маъмулӣ ва нави назарияи давлат ва ҳуқуқ дода мешавад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мафҳумҳо ва категорияҳои маъмулии назариявӣ, ба мисли «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «санадҳои ҳуқуқӣ», «ҳуқуқэҷодкунӣ», «санадҳои татбиқи ҳуқуқ» ва дигар таҳқиқ мешаванд. Айни замон мафҳумҳо ва категорияҳои нави илмӣ, аз ҷумла «ҳуқуқэҷодкунии Президент», «салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президент», «салоҳияти ҳуқуқтатбиқкунии Президент», «ҳокимияти президентӣ» ва дигар ба инобат гирифта мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ нуктаҳои нави илмӣ ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Онҳо ба ҷанбаҳои нави фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешаванд. Ин нуктаҳои илмӣ ба таҳқиқи минбаъдаи фармонҳои сарвари давлат дар доираи падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд.

**Сохтори диссертатсия** мутобиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ интихоб шудааст. Дар боби якуми он масъалаҳои умуминазариявӣ, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои методологии мавзуи диссертатсия мусоидат

менамоянд, мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар боби мазкур мафҳуми умуминазариявии фармонҳои Президент бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо пешниҳод карда мешавад. Дар боби дуюм масъалаҳои мушаххаси назариявӣ ва бештар амалӣ, ки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандаңд, таҳқиқ мешаванд. Дар боби мазкур ақидаҳо ва хулосаҳои умуминазариявӣ, ки дар боби якум пешниҳод шудаанд, бо дарназардошти амалияи ҳуқуқии сарвари давлат таҳлил карда мешаванд. Дар боби сеюм, ки бештар мазмуни амалӣ дорад, раванди амалишавии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таҳқиқ мешавад. Дар боби мазкур ақидаҳо ва нуктаҳои илмии назариявӣ бо дарназардошти амалияи ҳуқуқии сарвари давлат тасдиқи худро ёфтаанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ва хулосаҳо ҷанбаи ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, дар натиҷаи таҳқиқи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Онҳо навгонии илмӣ доранд, чунки дар натиҷаи таҳқиқи падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд. Таклифҳои амалӣ дар натиҷаи ошкор гардидани камбудиҳо дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузории Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Онҳо ба такмили на танҳо фаъолияти ҳуқуқии сарвари давлат, балки умуман сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамчунин, такмили раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, боло бурдани маҳорати касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла хизматчиёни давлатие, ки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон робита доранд, мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ** дар муқоиса бо ақидаҳо ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда, бо нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ, интишороти муаллиф,

ақидаҳо ва хулосаҳое, ки дар баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо манзур гаштаанд, собит мегардад. Ақидаҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таҳлили ҳаматарафаи шакл ва мазмуни фармонҳо ва амрҳои сарвари давлат бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи муқоисаи онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, таҳлили танқидии ақидаҳои мубоҳисавии илмӣ асоснок карда мешаванд. Асоснокии илмии ақидаҳои илмӣ ва таклифҳои амалии муаллиф дар заминаи назариявӣ-методологӣ ва эмпирикии диссертатсия, ки ҳоло бо дарназардошти трансформатсияи ҷомеа тағйир ёфта истодааст, тасдиқ карда мешавад.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсионӣ ақидаҳои нави илмии муаллиф дар робита бо хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, салоҳияти маҷмуии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат, ҳамчунин, хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии ӯ дар таносуб бо ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, функсияҳои ба ин санадҳо тааллуқдоштаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ, танзимкунӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.** Доир ба муҳтавои диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, ба он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, мутобиқат дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқи илмӣ-методологии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарофзода Р.Ш.

Имзои Р.Ш. Шарофзодаро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
16.10.2025